# КИТОБҲОИ ТОЗАНАШР

Кафедраи онкология, ташхис ва муоличаи шуой яке аз кафедраҳои калидии МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" маҳсуб меёбад. Ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра фаъолияти худро баҳри амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона карда, ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва омода намудани мутахассисони дорои касбияти баланди соҳаи тандурустӣ кӯшишу чораандешӣ менамоянд. Онҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор китобу дастурҳои таълимию методии соҳавиро таҳия ва нашр намудаанд.

## ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ РУСӢ-ТОҶИКИИ ИСТИЛОҲОТИ САРАТОНШИНОСӢ

«Фарҳанги тафсирии русӣ-тоҷикии истилоҳоти саратоншиносӣ» зери ҳамин




ном аввалин маротиба фарҳанги истилоҳоти соҳаи саратоншиносӣ рӯйи чоп омад. Фарҳанги мазкур аз ҷониби омӯзгорони кафедраи онкология, ташхис ва муоличаи шуоии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино доктори илмҳои тиббӣ, профессор Зикирёхоҷаев Д.З., доктори илмҳои тиббӣ Юлдошев Р.З. ва номзади илмҳои тиббӣ Сайфутдинова М.Б. омода гардида, ба нашр расидааст.

Фарҳанги тафсирии русӣ-тоҷикии истилоҳоти саратоншиносӣ аввалин таҷриба дар тартиб додани истилоҳоти саратоншиносӣ бо забони давлатӣ буда, зиёда аз 3500 калима, ибора ва мафҳумҳои маъмули соҳаро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаро мегирад. Тибби муосири тоҷик, аз ҷумла саратоншиносӣ дар замони шӯравӣ дар такя ба меъёр ва талаботи фарҳанги русӣ ташаккул ёфта буд. Баъд аз касб намудани соҳибистиқлолӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла тиб эҳтиёҷ ба навсозии шакл ва мундариҷа, хосатан дар боби истилоҳот, ба миён омадааст. Мақсади асосии таҳияи фарҳанг ин ба тадриҷ иваз намудани истилоҳоти русӣ ба истилоҳоти тоҷикӣ мебошад.

Ҳангоми таҳияи фарҳанг калима, ибора ва мафҳумҳое, ки бевосита дар соҳаи саратоншиносӣ истифода мешаванд, интихоб шудаанд. Бо дарназардошти он ки аксари истилоҳоти саратоншиносӣ иқтибосӣ буда, дар

соҳаи тиб шакли аслии онҳо истифода мешавад, ҷиҳати дастрасии моҳияти ин истилоҳу мафҳумҳо шарҳ ва тафсири онҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ оварда шудааст ва он ба хонандагоне, ки мехоҳанд моҳияти истилоҳоти саратоншиносиро бидонанд, мусоидат менамояд. Инчунин толибилмони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ имконият пайдо менамоянд, ки бо мазмун ва моҳияти истилоҳоти саратоншиносӣ шиносоии аввалияро пайдо намоянд.

Азбаски алҳол баъзе истилоҳоти тиббӣ, аз ҷумла саратоншиносӣ муродифи истилоҳоти тоҷикии худро пайдо накардааст ва онҳо муайяну муқаррар нагардидаанд, дар фарҳанг шакли аслиашон бо забони русӣ бо риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ оварда, шарҳ дода шудаанд. Ҳангоми тарҷумаи истилоҳот, ҳатто дар шакли русии он, якчанд муродифи калима, ибора ва мафҳум нишон дода шудааст, то ин ки тобишҳои маънoии онҳо равшан гарданд.

Фарҳанги мавриди назар барои донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон, омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ва доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

## МУОЛИҶАИ САРАТОНИ ГАРДАНАКИ БАЧАДОН




«Муолиҷаи саратони гарданаки бачадон» («Лечение рака шейки матки» бо чунин ном китоби ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраи онкология, ташхис ва муолиҷаи шуоӣ рӯйи чоп омад. Муаллифони китоб профессор Зикирёхоҷаев Д.З., доктори илмҳои тиббӣ Умарзода С.Ғ., доктори илмҳои тиббӣ Каримова Ф.Н. ва номзади илмҳои тиббӣ Сайфутдинова М.Б. мебошанд.

Китоб дар доираи амалисозии Консепсияи ислоҳоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ ва Барномаи миллии пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои саратон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009, №587 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, ба доираи васеи мутахассисон оид ба имкониятҳои оптималии ташхис ва табобати саратони гарданаки бачадон дар марҳалаи 1b маълумоти умумиро пешниҳод менамояд. Аз ҷониби мутахассисон тарзи ҳамҷавори табобати гарданаки бачадон дар марҳалаи ибтидоӣ пешниҳод гардида, реҷаи

истифодаи муоличаҳои шуоӣ ва химиотерапевтӣ, коркард ва самаранокии ин намуди муоличаи саратон баҳо дода шудааст.

Китоб барои доираи васеи мутахассисони соҳа пешбинӣ шудааст.

## МУОЛИҶАИ ШУОӢ. ХУСУСИЯТҲОИ ТАБОБАТ, ПЕШГИРӢ ВА ОФИЯТЁБӢ




Дастури таълимию методии “Муоличаи шуоӣ. Хусусиятҳои табобат, пешгирӣ ва офиятёбӣ” (Лучевая терапия. Аспекты лечения, профилактика осложнений и реабилитация), ки аз тарафи олимони кафедра Зикирёхоҷаев Д.З. – доктори илмҳои тиббӣ, профессор, Юлдошев Р.З. – доктори илмҳои тиббӣ ва Сайфутдинова М.Б. – номзади илмҳои тиббӣ бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидаву аз чоп баромад.

Муқарризони дастури таълимӣ-методии мазкур доктори илмҳои тиббӣ, профессор Б.П.Ахмедов, доктори илмҳои тиббӣ Д.С.Мирзоева ва муҳаррир, номзади илмҳои филологӣ А.И.Юсуфов буда, мақсади таҳияи дастур шинос намудан ва тасаввурот ҳосил кардани хонандагон бо муоличаи шуоӣ, тартиб, давраҳои гузаронидани он ва риояи қоидаҳо дар ин муддат мебошад.

Аз дастур омӯзгорон, аспирантон, ординаторон, магистрантон, интернҳо ва донишҷӯён ҷиҳати бартараф намудани шиддати рӯҳию равонии беморон, риояи қоидаҳо дар вақти гирифтани муоличаи шуоӣ, таъсири манфии муоличаи шуоӣ ба бадан, маслиҳатҳо барои истеъмоли хӯрок, рафтори бемор баъди ба охир расидани муоличаи шуоӣ, пешгирию самаранокии муолича ва масъалаҳои марбут ба ҷараёни он донишу малака пайдо намуда, дар ҷараёни фаъолияти худ татбиқ мекунанд.

Ҳамзамон, дар дастур ҷиҳати тақвияти дониши толибилмон саволҳои санҷишӣ ва тестӣ пешниҳод гардидааст.

## САРАТОНИ СУРХРӮДА




Мураттибони дастурамали таълимӣ-методии «Саратони сурхрӯда» профессор Зикирёхоҷаев Д.З., д.и.т.Юлдошев Р.З., н.и.т., дотсент Раҳматов М.Т., н.и.т.Сайфутдинова М.Б. ва муқarrизон профессор Базоров Н.И., д.и.т., дотсент Маликов М.Х. буда, аз ҷониби н.и.ф., дотсент Юсуфов А.И. таҳрир ёфтааст.

Саратони сурхрӯда то кунун яке аз фаслхои мушкилтарини саратоншиносӣ буда, он ба омосҳои сатҳи баланди саратонӣ мансуб аст ва дорои хусусиятҳои метастазшавии барвақти лимфогенӣ мебошад.

Дастур аз муқаддима, бобҳои Эпидемиологияи саратони сурхрӯда; Анатомияи патологии саратони сӯрхруда; Сурхрӯдаи баррета: модели клиникии кансерогенези индуксионӣ; Анатомияи ҷарроҳии сурхрӯда; Клиникаи саратони сурхрӯда ва усулҳои ташхис; Интихоби усули табобати беморони мубтало ба саратони сурхрӯда; Табобати ҷарроҳии саратони сурхрӯда иборат мебошад.

Мақсад аз омодасозии ин китоб он аст, ки бо истифода аз дониши бадастомада ба донишҷӯён гузаронидани ташхис, муайян намудани нишондодҳо, интихоб намудани усули оптималии табобати беморони саратони сурхрӯда омӯзонида шавад.

Барои тақвияти таълим ва омӯзиши мавзӯъ саволҳои тестии марбут ба дарс, саволҳои санҷишӣ ва мисолҳо аз мушкилоти вазъӣ пешниҳод гардида, рӯйхати адабиёти истифодашуда замима гаштааст. Мавод барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

## ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДИИ «ПРИМЕНЕНИЕ МЕТОДА АЛЛЕЛЬ-СПЕЦИФИЧЕСКОЙ ПОЛИМЕРАЗНОЙ ЦЕПНОЙ РЕАКЦИИ В РЕЖИМЕ РЕАЛЬНОГО ВРЕМЕНИ ДЛЯ ВЫЯВЛЕНИЯ МУТАЦИЙ ГЕНОВ BRCA1 ИBRCA2 У БОЛЬНЫХ ПРЕДРАКОВОМ И РАКОМ МОЛОЧНОЙ ЖЕЛЕЗЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ»

Дастурамали таълимӣ-методии мазкур аз ҷониби профессорону омӯзгорони кафедраи онкология, ташхис ва табобати шуоии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино профессор Зикирёхоҷаев Д.З., доктори илмҳои тиббӣ Юлдошев Р.З., доктори илмҳои

тиббӣ, Умарзода С.Ғ., доктори илмҳои тиббӣ Каримова Ф.Н. ва номзади илмҳои тиббӣ Сайфутдинова М.Б. таҳия ва чоп шудааст.




Дарстурамали таълимӣ-методӣ ба масъалаҳои ташхиси бармаҳали саратони ғадуди ширӣ бо дарназардошти ҷойгиршавии инфиродии генетикӣ, ки барои дуруст ташкил намудани назорати тиббӣ имконият медиҳад, таҳия шудааст. Дар дастур маводу усулҳои ташхис, номгӯйи таҷҳизот барои гузаронидани таҳлили молекулярӣ-генетикӣ номбар ва баҳодиҳии натиҷаҳо ҷойгир гардидааст.

Ин дастурамал барои табибони зинаи аввали фаъолияти тандурустӣ ва мутахассисони самти саратоншиносӣ пешбинӣ шудааст.

**Абидҷонова Нигора Нафисовна,**
**номзади илми тиббӣ,**
**кафедраи онкология, ташхис ва муолиҷаи шуоӣ**